# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ «дар мисоли вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Мазмуни мафҳуми "сатҳи зиндагӣ" гуногунҷанба ба ҳисоб меравад ва сифат тамоми ҷанбаҳои ҳаёти одамонро фаро гирифта, он яке аз омилҳои асосии сохтори иҷтимоӣ ва фаъолияти одамон мебошад. Хусусиятҳои сифатӣ инчунин барои дарки моҳияти инсон ва фарҳанги маънавӣ пояи асосӣ мебошанд.

Сифат аз ду ҷиҳат – мафҳуми иқтисодӣ ва ҳам технологӣ баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, сифат на танҳо маҷмӯи хосиятҳо, хусусиятҳои маҳсулот, молҳо, хизматрасониҳо, корҳо, меҳнат, балки қобилияти онҳо барои қонеъ кардани талабот ва ниёзи одамон, роҳи расидан ба ҳадафи онҳо дар асоси талаботҳои стандартҳо, шартномаҳо, дархостҳои истеъмолкунандагон мебошад.

Зарурияти ҳамаи ин масъалаҳоро ба инобат гирифта мавзуи интихобшуда аз якчанд нуқтаи назр актуалӣ ва зарурӣ мебошад.

Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст. Маводи кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 190 саҳифаи матни асосӣ, аз ҷумла 14 расм, 14 ҷадвал, 5 диаграмма баён гаштааст.

Дар **муқаддимаи диссертатсия** мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он бозгӯӣ шуда, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян гардида, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори таҳқиқот баён шудааст.

**Дар боби аввал** ҷанбаҳои назариявии сифати зиндагӣ ва омилҳои тафриқабандии минтақавии он, муҳтавои иқтисодӣ ва ҷанбаҳои минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба таври васеъ дида баромада шуда, моҳияти илмии онҳо ошкор карда шудааст, инчунин заминаҳои асосии омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунадаи сифати зиндагӣ асоснок ва методологияи баҳодиҳии сатҳи он пешниҳод гардида, сифати зиндагӣ ва усулҳои милликунонии Ҳадафҳои рушди устувор пешниҳод шудааст.

**Дар боби дуюми** диссертатсия бошад динамикаи минтақавии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар вилояти Хатлон вазъи иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтидори корӣ дар вилояти Хатлон, арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи зиндагии аҳолӣ

дар минтақа ва ҳамбастагии сатҳи зиндагӣ, тафриқабандии он ва самаранокии фаъолияти иқтисодиёти минтақавӣ ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ шудаанд.

**Дар боби сеюми** диссертатсия бошад идоракунии механизмҳои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ дар минтақа самтҳои асосии такмилдиҳии механизми идоракунии сифати ҳаётгузаронӣ, нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти иқтидорҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва роҳҳои баландбардории сатҳи зиндагонии аҳолии вилояти Хатлон бахшида шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст карда шуда, якчанд пешниҳоди судманд оид ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақа, рушди корхонаҳои саноатӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии минтақа оварда шудаанд.

Вобаста ба бобҳо ва зербобҳои таҳқиқоти анҷомшуда қайд кардан ба маврид аст, ки бобҳои мазкур ва таҳқиқоти дар доираи он анҷомшуда ифодаи мантиқии муваффақиятҳои илмӣ ва кори докторант мебошад. Новобаста аз муваффақияту пешравиҳои таҳқиқоти анҷомшуда як қатор камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳ намудани онҳо ба манфиати таҳқиқоти анҷомшуда мебошад. Камбудиҳои диссертатсияи докторант инҳоро дар бар мегирад:

1. Номи диссертатсия бо сабаби муайян набудани самти таҳқиқот хатлгиҳои имлои дида мешавад.
2. Муқаддимаи диссертатсия ба талаботҳои низомномаи нав ва шиносномаи ихтисос мувофиқ нест. Зарур аст, ки қиммати аввалӣ диссертатсиявӣ (муқадима) ба талаботҳои низомномаи нав ва шиносномаи ихтисос мувофиқ карда шавад.
3. Дар муқаддима пешниҳодҳо бояд, ба масъалаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ҳимояшаванда мувофиқати байниякдигарӣ дошта бошанд.
4. Нуқтаи назари олимони ватанӣ ва дар маҷмӯ адабиётҳои тоҷикӣ кам ба назар мерасад.
5. Батартибдарории ҷадвалҳо бояд ба талаботи Низомномаи нави КОА мувофиқ карда шавад.
6. Рақамгузории чадвал, диагррама ва расмҳо дуруст гузошта шаванд, ки он бояд ба кадом параграф таалуқ доштанашро нишон диҳад.

Хулоса: диссертатсия бо назардошти ислоҳи камбудиҳои дар боло зикргардида барои баррасӣ тавсия дода мешавад.

**Муқарриз,**
**н.и.и., дотсент** **Давлатов Х.**